**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Амир Муиззии Нишопурӣ яке аз шоирони тавоно ва таъсиргузори аҳди Салҷуқӣ мебошад. Вай дар аксари қолабҳои шеъри классикӣ ашъори шоиста ва мондагор сурудааст. Ин шоири тавоно ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб қарор дошт. Тазкиранигорон ба ҳунару истеъдоди шоирии Муиззӣ баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, соҳиби «Лубоб-ул-албоб» ӯро «султони ҷаҳони баён» номидааст, ки ин безамина нест.

Бояд гуфт, ки аҳволу ашъори Муиззӣ, бо вуҷуди шукуҳу азамати шоирияш, то ҳанӯз ба таври зарурӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат, метавон таъкид кард, ки диссертатсияи доктории Фахриддин Ҳайдаров ин холигоҳро дар омӯзиши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ пурра мегардонад. Диссертант мавзуъро ба таври куллӣ ба миён гузошта, паҳлуҳои гуногуни онро дар чаҳор боби алоҳида ба таҳқиқ мегирад. Пажуҳиши Ҳайдаров Фахриддин Наботович бонизом, мантиқӣ ва комил буда, тақсимбандии он дар дохили бобҳо ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Муаллиф дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқро муфассал баррасӣ намуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро мушаххас баён мекунад, ки ин далели ба пуррагӣ фаро гирифтани мавзуъ аз тарафи муҳаққиқ мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «**Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ**» унвон дорад, муҳаққиқ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангии аҳди Салҷуқиҳоро тавзеҳ медиҳад, чунки Амир Муиззӣ маликушшуарои замон ва аз ҷумлаи шахсиятҳои

таъсиргузори муҳити фарҳангӣ ва адабии аҳди Салчуқиҳо ба ҳисоб мерафт. Вай ҳамзамони вазиру фарҳангсолори овозадори ин давра Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ маҳсуб меёбад. Воқеан, дудмони Салҷуқиҳо дар таърихи адабу фарҳанги форсии тоҷикӣ нақши муҳим гузоштааст, ки далели равшани он зуҳури суханвари бузурге мисли Амир Муиззӣ мебошад.

Масъалаи зуҳури шахсияти тавонои адабии ин давра Муиззии Нишопурӣ дар боби дуюми диссертатсия – «**Рӯзгор ва осори Муиззӣ**» муфассал баррасӣ мешавад. Муҳаққиқ бо такя ба иттилои сарчашмаҳои адабӣ аҳволу осори шоирро ба таври ҳамаҷониба ба таҳқиқ мегирад. Вай иттилои мавҷуда оид ба шахсият ва эҷодиёти Муиззиро тавзеҳ дода, таъкид мекунад, ки аксари иттилои дар тазкираҳо зикргардида такрору якранг мебошанд. Аз ин рӯ, шинохти воқеии шахсият ва ашъори шоир ба таҳқиқу ковишҳои амиқу фарогири илмӣ ниёз дорад. Ба ҳамин хотир, дар боби мазкури диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович ба зиндагинома ва осори шоир фаслҳои алоҳида ихтисос дода шудааст, ки ин иқдом ба диссертант имкони баррасии муфассали масоили зикргардидаро фароҳам овардааст.

Диссертант зимни баррасии аҳволу осори шоир таъкид мекунад, ки Амир Муиззӣ дар миёни шоирони рӯзгори худ ба сифати яке аз суханварони хушзавқу соҳибтабъи замон шинохта мешуд. Воқеан, аз нигоҳи сабку забони ашъор Муиззӣ аз ҷумлаи устодони сухани шоиронаи форсии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ин нуктаро муаллифони тазкираҳо низ таъкид карда, ӯро дар қасидасароӣ беҳамто медонанд. Илова бар ин, диссертант дуруст таъкид менамояд: «Нақши Амир Муиззӣ дар таҳаввули сабки шеъри асримиёнагӣ то андозаест, ки омӯзиш ва таҳқиқи сабки ашъори ӯ ҷиҳати муайян намудани раванди таҳаввул ва ташаккули сабки шеъри классикӣ метавонад заминаи мусоид фароҳам оварад».

Масъалаи матншиносӣ, нусхашиносӣ ва нашри мероси адабии Амир Муиззӣ дар боби сеюми диссертатсия, ки «**Таҳқиқ ва нашри девони Амир Муиззӣ**» унвон дорад, дар ду фасли ҷудогона муфассал баррасӣ мешавад, ки он ҳам дар шинохти воқеии ашъори шоир аз аҳаммияти хосса бархӯрдор аст.

Дар фасли аввали боби мазкур масъалаи нусхашиносии ашъори Муиззӣ баррасӣ мегардад. Диссертант бо такя ба матни дар асоси нусхаҳои мавҷуда тасҳеҳнамудаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ таъкид мекунад, ки Амир Муиззӣ то ба замони мо як девони ашъор ба мерос мондааст, ки он дар маҷмуъ зиёда аз 18600 байт ашъори шоирро дар бар мегирад. Бештари ин ашъор дар жанри қасида эҷод шудааст. Қасоиди шоир тибқи оморгирии диссертант 466 адад мебошад. Илова бар ин, аз шоир теъдоде ғазал, рубоӣ, қитъа, мусаммат ва ғайра низ боқӣ мондааст. Бояд гуфт, ки сарфи назар аз анвои номбурда, Муиззиро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун шоири тавонои қасидасаро мешиносанд ва ба ҳунар ва нерӯи шоирии ӯ арҷ мегузоранд.

Ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ ва вижагиҳои ашъори Амир Муиззиро диссертант дар боби чаҳоруми рисола зери унвони «**Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ**» мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар фасли аввали ин боб ҳунари мадеҳасароии шоир зимни таҳлили қасоиди ӯ матраҳ мешавад. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки дар замони Муиззӣ нуфузи адабиёти дарборӣ ва хосса мактаби мадеҳасароӣ дар равнақ буд. Шоирон мекӯшиданд, ки дар қасида суханро дар сатҳи олӣ қарор диҳанд. Ин икдоми қасидасароёне мисли Амир Муиззӣ дар равнақи забони форсии тоҷикӣ ва такомули сабки шеър нақши калидӣ бозид.

Дар фасли дуюми ин боб Ҳайдаров Фахриддин Наботович ашъори мадҳию сиёсии шоирро аз нигоҳи корбасти санъатҳои бадеӣ ба таҳқиқ мегирад. Вай истифодаи фаровони орояҳои адабӣ аз қабили муболиға, ташбеҳ ва истиораро дар ашъори Муиззӣ тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки Муиззӣ бо истифода аз ороҳои адабӣ ба каломи шоиронаи худ тароватии хосса мебахшад. Диссертант зимни баррасии ашъори шоир собит месозад, ки воқеан, Амир Муиззӣ ба ҳайси як шоири қасидасаро дар доираи адабии асри XII мақоми хосса дорад. Вай бо ашъори равону сода ва зебою хушоҳангаш дар рушди мактаби қасидасароӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ саҳми шоиста гузоштааст. Ин ва дигар масоили дар диссертатсия бамиёнгузоштошуда аз тарафи муҳаққиқ бонизом баррасӣ ва таҳқиқ

мешавад. Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант қобили эътимод буда, масири омӯзиши минбаъдаи эҷодиёти шоир ва адабиёти аҳди Салҷуқиро ба пуррагӣ равшан месозад.

Боиси зикр аст, ки бо вуҷуди муҳассаноти мазкур дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар бахши сарчашмаҳои таҳқиқ агар диссертант баъзе маъхазҳоро мушаххастар зикр мекард, беҳтар буд.
2. Фасли дуюми боби чаҳорум, ки «Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ» унвон дорад, дар бобҳои дуюм ё сеюм оварда мешуд, таносуби баррасии масоили мавриди назари диссертант мустаҳкамтар мегардид.

Камбудиҳои зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ-таҳқиқотии рисолаи мавриди назарро кам намегардонад, чунки муаллифи рисола вазифаҳои дар наздаш гузоштаро ба пуррагӣ ба анҷом расонидааст ва фишурдаи рисола фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» бо муҳиммият, тозакориҳои илмӣ ва арзиши назарию амалияш ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Икромов И.

«12» сентябри соли 2025.

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Дӯстии халқҳо 66, ҳуҷраи 42.
Тел.:(+992) 91-928-53-51
E-mail: ahmadovsafar 74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор И. Икромовро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67.
Факс (83222) 2-48-63, тел.: (83222) 2-54-81; (83222) 2-22-53.
www.btsu.tj. E-mail: bgu-1978@mail.ru
«12» сентябри соли 2025.